YANGI O‘ZBEKISTON, YANGI TADQIQOTLAR JURNALI
Volume 4 Issue 9 May 2026
https://phoenixpublication.net/ Online ISSN: 3030-3494

# ҶОЙГОҲИ КАЛИМАҲОИ СОҲАВӢ ДАР ФАРҲАНГНИГОРӢ

**Муҳаммадова Мавзуна Эркинҷоновна**
*хатмкунандаи Донишкадаи забонҳо ва маданияти халқҳои Осиёи Марказии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш.Рашидов*

Калимаҳои соҳавӣ дар фарҳангнигорӣ хусусияти этнолингвистӣ доранд. Онҳо бозгӯкунандаи тарзи зиндагӣ, шуғл, фарҳанг ва ҷаҳонбинии мардум мебошанд. Бисёре аз вожаҳои марбут ба кишоварзӣ, чорводорӣ, бофандагӣ, оҳангарӣ, меъморӣ ва дигар касбу пешаҳо хусусиятҳои миллӣ ва таърихии забонро нигоҳ медоранд. Аз ҳамин сабаб, омӯзиш ва сабти онҳо барои таҳқиқи таърихи забон ва фарҳанги мардум аҳамияти калон дорад. Калимаҳои соҳавӣ дар фарҳангнигорӣ на танҳо воҳидҳои луғавӣ, балки ҳамчун омили муҳими ҳифзи донишҳои илмӣ, касбӣ ва фарҳангии ҷомеа арзёбӣ мегарданд. Мавҷудияти онҳо дар фарҳангҳо имконият медиҳад, ки захираи луғавии забон мукаммалтар омӯхта шуда, робитаи забон бо таърих, фарҳанг ва фаъолияти иҷтимоии инсон равшан гардад. Аз ҷиҳати этнолингвистӣ, калимаҳои соҳавӣ ҳамчун воситаи ҳифзи донишҳои анъанавӣ ва таҷрибаи таърихии мардум низ хизмат менамоянд.

Дар таърихи луғатнигории тоҷик як қатор фарҳангҳо дар ҷамъоварӣ ва шарҳи калимаҳои касбу ҳунар саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла, ”Луғати фурс”-Асадии Тӯсӣ [1], «Муайид-ул-фузало»-и Муҳаммад ибни Лоди Деҳлавӣ (1519) ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (1608) аз муҳимтарин осори фарҳангнигорӣ ба шумор мераванд. Дар «Муайид-ул-фузало» бори нахуст вожаҳои марбут ба аҳли ҳунар, пешаварон ва табақаҳои иҷтимоиву касбӣ гирдоварӣ ва тафсир гардидаанд. Ин хусусият аҳамияти фарҳангро ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши истилоҳоти касбӣ бештар менамояд.

«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» низ барои таҳқиқи таърихи забони тоҷикӣ ва омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ манбаи арзишманд ба ҳисоб меравад. Дар он беш аз ҳафт ҳазор калима шарҳу тавзеҳ ёфта, қисми муайяни онҳоро истилоҳоту вожаҳои касбу ҳунар ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, калимаҳои афзор, дук, зозил, лакан, лангар, руҳан, фаҳона, хишт, пилпӯш, сурнай ва монанди инҳо хусусиятҳои луғавию маънои соҳаҳои гуногуни фаъолияти мардумро инъикос менамоянд.

Дар рушди луғатшиносии тоҷик фарҳангҳои «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн (1652), «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанд (1739), «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алӣ ва «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ низ мақоми муҳим доранд. Ин осор ҳангоми таҳияи фарҳангҳои муосир, аз ҷумла «Луғати тоҷикӣ-русӣ» ва «Фарҳанги

забони тоҷикӣ»[8,9], ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ истифода шудаанд. Хусусан, ду ҷилди «Фарҳанги забони тоҷикӣ» захираи васеи луғавии забонро то ибтидои асри XX фаро гирифта, дар омӯзиши лексикаи касбу ҳунар аҳамияти бузурги илмӣ дорад.Дар ин фарҳангҳо шумораи зиёди калимаҳои таърихии марбут ба касбу ҳунар сабт гардидаанд, ки имрӯз қисми зиёди онҳо хусусияти архаистӣ гирифтаанд. Аз ҷумла, вожаҳои гупол, гуроз, дайҳим, дашна, донг, жӯпин, иксиргар, камонгар, мехгар, пайконгар, тиргар, шамшергар, шашпар, ҳафтҷӯш ва монанди инҳо ба соҳаҳои ҳунармандӣ ва истеҳсолоти суннатӣ тааллуқ доранд. Ҳамчунин, калимаҳои гардун, даба, жева, оташгар, фасонгар, дегрез, оташафрӯз, пилпой ва ғайра ҳамчун воҳидҳои куҳанбунёди луғавӣ арзиши таърихию фарҳангии забонро нигоҳ доштаанд.

Дар "Луғати тоҷикӣ-русӣ" калимаҳои моку, сунба, туну, фанар, фишанг, гилдирак, дазмол, гулдон, дастпона, мехгар, миногар, мисгарӣ, мисрон, нигинакорӣ, носдон, пӯлодрезӣ, рехтагарӣ, сиёҳидон, тиллокорӣ, аробасоз, гаҳбанд, дасттеша, гулмех, мисгудоз, корҷома, оҳангархона, оҳангудоз, потеша, пӯлодгудоз, тунукасоз, устохона, тахтапӯлод, чилчароғ ва бисёр калимаҳои дигарро ҳамчун терминологили соҳаи касбу ҳунар қайд кардан мумкин аст. Мисолҳои овардашуда шаҳодати инъикоси савияи тараққиёти техникаи гуногунсоҳаи миёнаҳои асри XX мебошад. Ба луғат бори нахуст терминҳои техникии интернатсионалӣ ва терминҳое, ки аз онҳо дар асоси калимасозии тоҷикӣ ба амал омадаанд, низ дохил гардиданд.

Энсиклопедияи Тоҷик дарривоҷу равнақи терминологияи илмию техникӣ, бешубҳа, марҳалаи нав хоҳад шуд. Дар энсиклопедия на танҳо тараққиёти тамоми соҳаҳои илму техника, балки давраҳои инкишофи касбу ҳунар, соҳа ва таърихи он ҳам инъикос мегардад, яъне баробари лексикаи техникаи муосир, истилоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ низ фаровон акс меёбанд: алоча, бахмал, картмона, расмона, чала, алафӣ, арабак, рандагарӣ, тосак, холак, қафасӣ, дастарра, даҳандам, доскорд, дуксозӣ, зонубанд, каҷанбӯр, морсар, тиллобаргак, холбинӣ, якказан, арраи дусара, исканаи новашакл, корди дудама, рӯи каланд, тору пуд, ҳуҷраи дами оҳангарӣ ва ғ.

С.Иброҳимов оид ба соҳаҳои касбу ҳунари лексикаи шеваҳои Фарғона тадқиқоти мукаммале гузаронидааст [2]. Ин асар барои омӯхтани лексикаи касбу ҳунари забони тоҷикӣ ҳам аҳамият дорад, зеро муаллиф ҳангоми тадқиқи лексикаи маҳалҳои гуногун ба лексикаи касбу хунари маҳалҳое, ки мардуми он тоҷикзабонанд (Хуҷанд, Чуст дар водии Фарғона, баъзе маҳалҳои Бухорою Самарқанд ва ғ), муроҷиат намудааст. Аз китобҳои С.Иброҳимов ба калимаҳои гиребон, зерча, лаппак, шикам, тобгар, дамдандон, каҷанбур, мехсандон, сарҳалқа, шохтеша, анбӯри ҳалқа, болғаи дусара, сандони дӯнула, сандони дунӯла, сунбаи мисгар, сунбаи тунукасоз, сӯҳони дурушт

махсус аҳмият додан лозим омад, зеро онҳо ба фонди лексикаи касбу ҳунари забони тоҷикӣ дохиланд.

Тадқиқотҳои О.А. Сухарева [6] ба соҳаҳои гуногуни ҳунармандии Бухоро нигаронида шудааст. Ба коркарди металл аҳли пешаи оҳангарӣ (оҳангари ташгар на тешагарро фарқ мекарданд), наългарӣ, кордгарӣ, тунукасозӣ, қулф созӣ, сӯзангарӣ, мехчагар, дегрезӣ, рехтагарӣ, зангӯласозӣ, заргарӣ, гаҳбандӣ, ҳаккокӣ дохил шудаанд. Дар асар баробари ин соҳаҳои касбу ҳунар ба баъзе ҳунарҳои дигар ҳам (харротӣ, бофандагӣ, ғилофдӯзи, сандуқсозӣ, аробасозӣ ва ғ.) муроҷиат шудааст. Муаллиф тадқиқоти худро бо овардани луғати касбу ҳунари соҳаҳои мазкур анҷом додааст. Аз ин луғат калимаҳои гурсум, пир, халфа, гилкор, ёригар, зиғирак, чиндагар, адрасбофӣ, девчарх, корфармо, пойкор, танӯрсоз, устозода, чӯянпарто, ғилофдӯзӣ, токи заргарон ва ғ. гирифта шуданд.

Як қатор калимаҳо аз луғати С.Айнӣ [7] ва баъзе китобҳои дигари ӯ (баргак, мӯҳра, чумча, даствона, дукорд, сатил, тароша, дастафзор, сандуқсоз, сарнайза, симкӯб, дӯкони рехтагарӣ, зарби Бухоро, тангаи нукра ва ғ. инчунин аз "Ўзбек тили изоҳли луғати" барган, гупчак, гиреҳ, дазмолчӣ, дукчӣ, сурмадон, арракаш, пилтакаш, заршинос, серпардоз, тагдӯзӣ, аробасозӣ ва ғайраҳо гирдоварӣ шудаанд.

Аз ин ҷиҳат, фарҳангҳо на танҳо воситаи шарҳу тавзеҳи калимаҳо, балки оинаи таърихи забон ва фарҳанги миллӣ низ мебошанд. Тавассути омӯзиши калимаҳои соҳавӣ метавон сатҳи рушди хунармандӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, навъи истеҳсолот ва ҷаҳонбинии мардумро дар давраҳои гуногуни таърих муайян намуд. Бинобар ин, таҳқиқи истилоҳоти касбу ҳунар дар фарҳангҳои тоҷикӣ барои забоншиносӣ, этнография, таърих ва фарҳангшиносӣ аҳамияти назариявию амалӣ дорад.

Дар натиҷаи баррасии масъалаи истилоҳ, таърихи истилоҳоти соҳавӣ ва касбу пеша, инчунин мавқеи онҳо дар фарҳангҳо маълум гардид, ки истилоҳот яке аз унсурҳои муҳими таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравaнд. Онҳо дар асоси ниёзҳои иҷтимоӣ ва касбии ҷомеа ташаккул ёфта, бо рушди илм, ҳунар ва фаъолияти истеҳсолии инсон такмил меёбанд. Аз ҳамин сабаб, истилоҳоти соҳавӣ ва касбу пеша на танҳо воситаи номгузории мафҳумҳои махсус, балки инъикоскунандаи сатҳи рушди фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа низ мебошанд.

Таҳлил нишон дод, ки истилоҳоти касбу пеша аз қадимтарин қабатҳои луғавии забон буда, дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ва таҷрибаи амалии мардум ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ вобаста ба пешрафти ҷомеа тағйир ёфта, такмил пайдо намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши чунин истилоҳот барои муайян намудани равандҳои ташаккули забон, таҳаввули маъноии калимаҳо ва рушди тафаккури касбӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамчунин муайян гардид, ки фарҳангҳо дар ҳифз, сабт ва шарҳи истилоҳоти соҳавӣ нақши муҳим доранд. Маҳз тавассути осори фарҳангнигорӣ қисми зиёди вожаҳои касбӣ ва соҳавӣ то замони мо расидаанд. Фарҳангҳо имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва услубии истилоҳот омӯхта шуда, таърихи рушди онҳо муайян гардад. Аз ҳамин ҷиҳат, фарҳангнигорӣ дар ташаккул ва ҳифзи истилоҳшиносӣ аҳамияти бузурги илмӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки истилоҳоти соҳавӣ ва касбу пеша қисми муҳими захираи луғавии забон буда, омӯзиши онҳо барои таҳқиқи таърихи забон, рушди луғати соҳавӣ ва муайян намудани хусусиятҳои фарҳангии ҷомеа заминаи муҳим фароҳам меорад.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Асадии Тӯсӣ Луғати фурс. Муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия, луғот ва феҳристи Нурулло Ғиёсов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 492 с.
2. Иброҳимов С. Фарғона шеваларнинг касб-ҳунар лексикаси,1-3 китоб. –Тошкент, 1956-59.
3. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар).– Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.
4. Маъсуми Н.А. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. –Душанбе: Дониш, 2013.
5. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе, 2014. – 370с.
6. Сухарева О.А. Позднефеодальный город Бухара конца XIX начала XX века . – Ташкент,1962.
7. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 19. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 2025. – 878с
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1. Зери таҳрири Назарзода С. Душанбе: -2008. 950 саҳ.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 2. Зери таҳрири Назарзода С. Душанбе: -2008. 945 саҳ..